Ба мақсади иҷрои Нақша-чорабиниҳо оид ба татбиқи Стратегияи рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015 Ассотсиатсияи Бонкҳои Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон ва дастгирии бевоситаи молиявии Ҷамъияти ҳамкории Техникии Олмон (GTZ) аз 08 октябр то 08 декабри соли 2010 бо роҳбарияти мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, соҳибкорони хурду миёна, алалхусус, роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ шаш семинар-машварат гузарониданд, ки зиёда аз 130 нафар иштирок намуданд. Аз он ҷумла, 25 нафар намояндагони Вилояти Худмухтори Бадахшон, 15 нафар аз шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Шаҳринав, 20 нафар аз минтақаи Кӯлоб, 30 нафар аз вилояти Суғд, 20 нафар аз минтақаи Қӯрғонтеппа ва 20 нафар аз минтақаи Рашт иштирок намуданд.

Мақсад аз гузаронидани семинар-машваратҳо баланд бардоштани сатҳи дониши молиявии ҷомеъа ва ҷалби аҳолӣ, алалхусус сокинони деҳот ба ҳамкорӣ ба низоми бонкӣ мебошад. Аз ҷумла:

-таъмини дастрасии қарзи бонкӣ ба ниёзмандон, алалхусус, аҳолии деҳот;

-огоҳ намудани муштариён, соҳибкорони инфродӣ ва истифода аз ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафайн;

-фаҳмондадиҳӣ оиди пурсамар истифода намудани маблағҳои оилавӣ, ба тариқи пасандоз дар бонкҳо ва дастрасии қарзи бонкӣ ва ғайраҳо.

Дар соли 2011 барномаи мазкур бо дастгирии Ҷамъияти ҳамкории Техникии Олмон (GTZ) бо ҷалби соҳибкорони инфиродӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон давом хоҳад ёфт.